**Протоколи**

**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

ш. Душанбе № 6 аз 25 апрели 2026 с.

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 таҳти №353/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро 13 нафар (2 нафар онлайнӣ) иштирок доштанд, ки аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

**ШУНИДА ШУД:** Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.

Мавзуи диссертатсия: «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)».

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

- **Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Қодирова Гулмо Толибовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Манучехри Нозимии Раҷабзода** - доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардидааст, ки ҳамааш мусбат аст.

Ба довталаб 11 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро: д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., д.и.и., дотсент Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Обидзода Ф.С., д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. пешниҳод гардид.

Дар муҳокима д.и.и., проф. Дадоматов Д., д.и.и., проф. Наврӯз-Зода Б.Н., д.и.и., дотсент Раҳимов С.Х., д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. иштирок намуданд.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб инҳо интихоб шуданд: д.и.и., дотсент Кошонова М.Р. (раис), д.и.и., профессор Обидзода Ф.С., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. (аъзо).

Дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич шурои диссертатсионии 6D.KOA-100,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Бобомуродов Пайрав Хайриевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Бобомуродов Пайрав Хайриевичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид-нест, бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул гардид (13 нафар).

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент Раҳимов С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**Доктори фалсафа (PhD) Сайфиддинзода С.С.**